# Гуноҳони кабира иборатанд аз: ширк овардан ба Аллоҳ, бадрафторӣ бо падару модар, куштани инсони бегуноҳ ва савганди дурӯғ

Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Гуноҳони кабира иборатанд аз: ширк овардан ба Аллоҳ, бадрафторӣ бо падару модар, куштани инсони бегуноҳ ва савганди дурӯғ".
[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба баёни гуноҳони кабира пардохтанд ва манзур аз гуноҳони кабира он гуноҳоне ҳастанд, ки анҷомдиҳандааш ба ваъиди шадид дар дунё ва охират таҳдид шудааст. Нахустини он гуноҳон "Ширк овардан ба Аллоҳ" аст: Ва он анҷом додани ҳар яке аз ибодатҳо барои ғайри Аллоҳ ва баробар сохтани касе ё чизе ба Аллоҳ дар яке аз хусусиятҳои улуҳият ва рубубият ва номҳо ва сифатҳои Аллоҳ аст. Ва дувумини он "Бадрафторӣ ба падару модар" Ва он ҳар чизе, ки ба падару модар озор мерасонад, чи дар гуфтор ва чӣ дар рафтор ва беэътиноӣ нисбат ба онҳо ва тарки неки дар ҳаққи онон. Ва сеюми он "Қатли нафс": ба ғайри ҳақ аст, монанди куштан аз рӯйи зулм ва таҷовуз дар ҳақ. Ва чаҳоруми он: " Савганди бардуруғ" аст, савганди бардуруғ ва донистани дуруғ будани он. Ин савгандро "ғамус" (ғутавар) ном ниҳодаанд, ки соҳибашро дар гуноҳ ё дар оташи дӯзах ғутавар месозад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3044